Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Шерализода Ҷомӣ Шералӣ дар мавзуи «Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 217 саҳ.).**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Шерализода Ҷомӣ Шералӣ таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионӣ – Ислоҳоти конститутсионӣ дар даврai соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ бахшида шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Бо касб намудани Истиқлолияти давлатӣ, ки ба солҳои 1991-1994 рост меояд, як қатор масъалаҳо оид ба бунёди давлатдории навини тоҷик ба вуҷуд омадаанд, ки ҳалли онҳо бо гузарондани ислоҳоти конститутсионӣ вобастагии амиқ доштанд, аз ҷумла, омодасозии Конститутсияи нав, бунёди низоми нави ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба роҳ мондани иқтисодиёти бозоргонӣ, фаъолияти озоди соҳибкорӣ ва ғайра.

Вобаста ба ин, муаллиф қайд менамояд, ки яке аз вазифаҳои асосии дар назди давлат гузоштшуда қабули ҳуҷҷати олии сиёсии давлат буд, ки бояд танзимкунандаи муносибатҳои асосии ҳаёти ҷамъиятӣ гардад. Чунин санади олии ҳуқуқӣ Конститутсия ба шумор мерафт ва зарур шуморида шуд, ки ҳар

чи зудтар дар кишвар лоиҳаи Конститутсияи нав омода ва қабул гардад. Муаллиф дар диссертатсия қайд менамояд, ки муайян намудани раванди таҳияи лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо аз лиҳози таърихӣ балки аз лиҳози ҳуқуқи конститутсионӣ низ масъалаи муҳим буда, таҳқиқоти ҷиддиро талаб менамояд.

Муаллиф дар диссертатсияи худ ишора менамояд, ки маҳз дар Конститутсияи мамлакат заминаҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва мафкуравӣ муайян мегарданд. Бо мақсади аниқтару мушаххастар намудани роҳҳои инкишофи таърихӣ бо назардошти равандҳои нави инкишофи ҷамъият, меъёрҳои Конститутсияи кишвар низ такмил меёбанд,

Дар диссертатсия муаллиф бо дарназардошти маводи илмӣ, таҳлили мафҳум ва хусусиятҳои ислоҳоти конститутсионӣ ва марҳилаҳои он дар мамлакат кӯшиш кардааст, ки дар доираи таҳқиқоти анҷомпазируфта ташаккули падидаҳои конститутсионӣ аз қабили асосҳои сохтори конститутсионӣ ва рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавриди пажӯҳиш қарор дода шавад.

Рисолаи Шерализода Ҷомӣ Шералӣ аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо, феҳристи адабиёти истифодашуда ва интишороти муаллиф иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми диссертатсия 217 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи он, мавзуъ, объект, мақсад, вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия – **«Мафҳум ва мазмуни ислоҳоти конститутсионӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби якум **«Мафҳум ва моҳияти падидаи ислоҳоти конститутсионӣ»** муаллиф тасаввуроти назариявии асосиро оид ба падидаи ислоҳоти конститутсионӣ таҳлил намудааст. Қайд менамояд, ки дар ташкилу бунёди давлати миллии Тоҷикистон Конститутсия ҳамчун санади бунёдгузори

давлатӣ нақши ҳалкунанда бозидааст. Ҳамчунин, иброз менамояд, ки мукаммалнамоии бунёди давлатдории миллӣ аз ташкили ҷумҳурии мухторӣ оғоз ёфта, бо эълон гаштани Истиқлолияти давлатӣ онро ба анҷом мерасонад. Ҳамаи ин тағйиротҳо бо ислоҳоти дахлдори конститутсионӣ дар Конститутсияи кишвар инъикоси худро ёфтаанд. Дар асоси таҳлили ақидаҳои олимони ватанӣ, рисоланавис мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои ислоҳоти конститутсиониро муайян менамояд.

Дар зербоби дуюми боби аввал ки **«Ғояҳои илмӣ ва принсипҳои ҳуқуқии ислоҳоти конститутсионӣ»** ном дорад, рисоланавис мафҳум ва таснифбандии ғояҳои илмӣ ва принсипҳои ҳуқуқии ислоҳоти конститутсиониро мавриди таҳлил қарор додааст. Яке аз шартҳои бомуваффақият гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ, ин муайян намудани ақидаҳо, ғояҳо ва принсипҳои ҳуқуқии он ба шумор меравад. Амалисозии ислоҳоти конститутсионӣ дар доираи ақидаҳо ва асосҳои роҳбарикунандаи он, омили асосии демократикунонии ислоҳоти конститутсионӣ мебошад, ки риояи принсипҳои ҳуқуқии он шарти асосии амалишавиии ислоҳоти конститутсионӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин, ғояҳо ва принсипҳои ҳуқуқии ислоҳоти конститутсионӣ бояд бевосита мазмуни асосҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мафкуравӣ дошта бошад ва нишонаҳои асосии муносибати ташкилии раванди ислоҳот, шакли ҳуқуқии он ва ҷанбаҳои бунёдии ҳуқуқӣ муайян карда шавад. Дар асоси ин гуфтаҳо ба сифати ғояҳои роҳбарикунандаи принсипҳои ислоҳоти конститутсионӣ асосҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилие баромад мекунад, ки аз моҳият, мазмун ва шакли амалишавии ташаккули Конститутсия бармеоянд.

Муаллиф масъалаи мазкурро ҳамаҷониба омӯхта ба хулоса меояд, ки асосҳои ислоҳоти конститусиониро ба ғояҳои илмӣ ва принсипҳои ҳуқуқӣ ҷудо намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Дар зербоби сеюми боби мазкур **«Марҳилаҳои ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муаллиф масоили марҳилаҳои ислоҳоти конститутсиониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, қайд менамояд, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаҳои гуногун оиди марҳилаҳои ислоҳоти конститутсионӣ вуҷуд доранд. Дар асоси омӯзиши ақидаҳои олимони ватанӣ ба хулоса омадааст, ки аксари олимон ба масъалаҳои таҳия, қабул ва амали

Конститутсияи ҷумҳурӣ бештар эътибор додаанд, аммо марҳилаҳои рушди он махсус, мавзуи таҳқиқот қарор дода нашудааст. Муаллиф марҳилаҳои ислоҳоти конститутсиониро вобаста ба рушди падидаҳои асосҳои сохтори конститутсионӣ, вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатӣ ҷудо намуда, бо он асоснок менамояд, ки марҳилаҳои пайдоиш ва инкишофи ислоҳоти конститутсионӣ маҳз бо падидаҳое, ки дар Конститутсия мустаҳкам мегарданд, вобаста мебошад. Дар замони муосир марҳилаҳои ислоҳоти конститутсиониро чунин ҷудо намудааст: 1) қабули Конститутсияи ҶТ ҳамчун асоси оғозёбии давраи рушди ҷомеа ва давлат дар ҶТ; 2) такмили минбаъдаи Конститутсияи ҶТ дар заминаи вориднамоии тағйиру иловаҳо ба он.

Боби дуюми рисола **«Ташаккули падидаҳои конститутсионӣ дар заминаи ислоҳоти конститутсионии соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми боби дуюм **«Ташаккули асосҳои сохтори конститутсионӣ»** муаллиф қайд менамояд, ки қабули Конститутсияи ҷорӣ модели нави сохтори тамоми давлат (шаклҳои идоракунӣ, шаклҳои сохти давлатӣ, намуди режими давлатӣ-сиёсӣ), сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, принсипҳои нави ташкил ва фаъолияти онҳоро муайян намуд. Бо дарназардошти ин, пеш аз ҳама, ҳадаф ва вазифаҳои рушди конститутсионии Тоҷикистон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI тағйир ёфт. Вобаста ба ин, муаллиф зарур донистааст, ки худи мафҳуми асосҳои сохтори конститутсиониро муайян намояд. Ба андешаи ӯ асосҳои сохтори конститутсионӣ асоси бунёди давлатдории муосир мебошанд ва онҳо принсипҳои асосии низоми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғоявии давлатро инъикос мекунанд, фаҳмида мешавад. Дар асоси махфуми овардашуда ба хулоса меояд, ки мазмун ва моҳияти асосҳои сохтори конститутсионӣ ду ҷанбаро дар бар мегирад: ҳуқуқӣ ва ҳақиқӣ.

Дар зербоби дуюми боби дуюми рисола **«Рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар асоси Конститутсияи соли 1994»** дисертант қайд менамояд, ки ҳуқуқҳои инсон дар сохтори конститутсионии давлати муосир мавқеи марказӣ ишғол намуда, на танҳо муносибатҳои байни шахсон, гурӯҳҳо ва давлатро муайян мекунанд, балки тавассути сохторҳои давлатӣ, раванди қабули

қарорҳо ва тартиби назоратро муқаррар месозад. Ҳангоми гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ ё қабули Конститутсияи нав, ҳуқуқҳои инсон ва меъёрҳои муҳофизавии он бояд ба таври возеҳ барои мусоидат намудан ба татбиқи онҳо, ифода карда шаванд. Муаллиф қайд менамояд, ки ҳангоми ташаккули фехристи ҳуқуқи инсон дар Конститутсияи Тоҷикистон муқарраротн шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон низ ба назар гирифта шудаанд, ки танзими конститутсионии ҳуқуқи инсонро дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионии дар мамлакат гузаронидашуда ба вуҷуд омадаанд, онро ба ду тамоюл чудо намудааст.

Дар зербоби сеюми боби дуюм, ки **«Ташаккули конститутсионии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дорад, муаллиф масоили инкишофи низоми мақомоти давлатии қонунгузорӣ, иҷроия ва судиро дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионии дар кишвар гузаронидашуда таҳлил намудааст. Дар асоси таҳлили гузарондашуда рисоланавис ба хулоса омадааст, дар ташаккулёбӣ ва инкишофи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми августи соли 1990 нақши созгор гузошт. Инчунин, падидаи асосие, ки дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионӣ ба вучуд омад, ин эълон гардидани принсипи таҷзияи ҳокимият буд. Дар асоси ин принсип, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми сохти ҳокимият ба куллӣ тағйир ёфт. Моддаи 9 Конститутсия таъсиси се шохаи ҳокимиятро муқаррар намуд: ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Шерализода Ҷомӣ Шералӣ дар он ифода мeёбад, ки бори нахуст аз лиҳози илмӣ ҳуқуқи конститутсионӣ кӯшиши муайян намудани мафҳум ва моҳияти ислоҳоти конститутсионӣ мавриди баррасии амиқ қарор дода шуд. Таҳқиқоти назариявӣ ва амалии фаъолияти имрӯзаи он ба як қатор хулоса ва пешниҳодҳо бо мақсади устувор намудани низоми таҷзияи ҳокимияти давлатиро муайян намудаанд.

Диссертант вазифаҳои дар назди худ гузоштаро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра иҷро намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз

сарчашмаҳои муътамади таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, инчунин, аз андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ, навгонии таҳқиқоти илмиро таъмин менамоянд.

Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ва эътибори илмии рисоларо баланд менамоянд:

1. Ислоҳоти конститутсионӣ – падидаи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ буда, аз маҷмуи чорабиниҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ-сиёсӣ иборат аст, ки бо мақсади гузаронидани дигаргуниҳои куллӣ ба Қонуни асосии давлат ва ё дар тарҳи нав қабул намудани он, инчунин, дар асоси он тадриҷан мутобиқ намудани қонунгузории давлат равона карда мешавад.

Дар заминаи мафҳуми муайяншуда хусусиятҳои ислоҳоти конститутсиониро чунин муайян кардан имконпазир аст: ислоҳоти конститутсионӣ пеш аз ҳама, зуҳуроти сиёсӣ-ҳуқуқӣ мебошад; ба чорабинии давлатии хусусияти ҳуқуқӣ ва сиёсию ташкилидошта алоқаманд аст; баҳри дигаргунии қисман ё куллии Конститутсия равона мешавад; бо мақсади тадриҷан тағйир додани қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад; ислоҳоти конститутсионӣ хусусияти рушдёбанда (диалектикӣ) дорад.

2. Дар асоси таҳлили гузаронидашуда чунин мафҳуми принсипи ҳуқуқии ислоҳоти конститутсиониро метавон пешниҳод намуд: – принсипи ислоҳоти конститутсионӣ асосҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки таҳкурсии низоми ислоҳоти конститутисониро ташкил дода, маҷмӯи муносибатҳои вобаста ба амалисозии ислоҳоти конститутсионӣ ба вуҷуд омадаро муайян месозад.

Ба андешаи муаллиф, асосҳои ислоҳоти конститутсиониро ба ғояҳои илмӣ ва принсипҳои ҳуқуқӣ ҷудо намудан ба мақсад мувофиқ аст. Ғояҳои илмӣ ин ақидаҳое мебошанд, ки моҳият, зарурият ва асосҳои ислоҳоти конститутсиониро муайян менамоянд. Ба зумраи ғояҳои илмӣ ғояи мутавозини инкишофи низоми сиёсӣ, мукаммалнамоии тарҳи конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди гуногуншаклии мафкуравӣ, ғояи нкишофи озодии иқтисодии шаҳрвандон ва масъулияти иҷтимоии давлат дохил мешаванд.

Принсипҳои ҳуқуқӣ бошад, ин асосҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки амалӣ шудани раванди ислоҳоти конститусиониро таъмин менамоянд: принсипи татбиқи унсурҳои илмӣ дар раванди гузарондани ислоҳоти конститутсионӣ, принсипи ҳувияти ҳуқуқии миллӣ, принсипи инкишофи меъёрҳои Конститутсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, принсипи ҳамкории самарабахши мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар раванди гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ, принсипи таъминоти барномавии ислоҳоти конститутсионӣ.

3. Бо назардошти қабул ва такмили Конститутсияи ҶТ мо чунин марҳилаҳои ислоҳоти конститутсиониро дар замони муосир мувофиқ мешуморем:

- қабули Конститутсияи ҶТ ҳамчун асоси оғозёбии давраи рушди ҷомеа ва давлат дар ҶТ;

- такмили минбаъдаи Конститутсияи ҶТ дар заминаи вориднамоии тағйиру иловаҳо ба он.

4. Асосҳои сохтори конститутсионӣ - ин принсипҳои асосии дар Конститутсия мустаҳкамгардида, ки баҳри тавсифи давлати конститутсионӣ равона шуда, доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамояд. Равандҳои дар ҷаҳон ба амал омада, бахусус, тағйироти геополитикӣ вобаста ба паҳншавии шаклҳои нави таҳдидҳои терроризму ифротгароӣ, бӯҳронҳо ва дигаргуниҳои гуногуни иқтисодӣ ба якпорчагии сохтори конститутсионии ҶТ таъсир мерасонанд. Аз ин лиҳоз, зарурати танзими конститутсионии чунин асосҳои муҳимми бунёди давлатдорӣ, аз қабили амнияти конститутсионӣ, соҳибихтиёрии иқтисодӣ, ҳифзи худшиносӣ ва гуногунии фарҳангӣ (релятивизми фарҳангӣ) ва ғайра ба миён омадааст. Яъне дар рафти дигаргунсозиҳои минбаъдае, ки дар ҷумҳурии мо ба амал меоянд, бояд ба масъалаҳои ишорашуда диққати ҷиддӣ ва мақоми конститутсионӣ дода шавад, ки асосҳои сохти конститутсионии давлатро муайян мекунанд. Тамоми дигаргунсозиҳои миллӣ ва таҳкими конститутсионии онҳо бояд дар асоси арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ ба роҳ монда шаванд, ки ин пояҳои давлатдории муосири тоҷиконро мустаҳкам менамояд.

5. Вобаста ба пешрафти ҷамъият ва амалияи давлатҳои хориҷӣ дар сатҳи Конститутсия зарурияти ворид намудани меъёри нав дар самти ҳуқуқу

озодиҳои инсон ба миён омадааст. Ба чунин ҳуқуқҳо, пеш аз ҳама, ҳуқуқҳои иттилоотӣ ва экологии шаҳрвандон, масъалаҳои танзими ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ ва роҳҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон дохил мешаванд.

6. Дар заминаи ислоҳоти конститутсионии ҶТ принсипи тақсимоти ҳокимият дар Конститутсия бори аввал ба вуҷуд омад. Инкишофёбии минбаъда мақомоти давлатӣ бо ин принсип асос ёфта, ба ҳайси заминаи инкишофёбии ислоҳоти конститутсионии шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон гардид.

Ислоҳоти конститутсионии мақомоти қонунгузорро метавон ба ду қисм ҷудо кард, яке ислоҳоти низоми парлумонӣ, ки хусусияти сохториро дорад (ислоҳоти конститутсионии соли 1999) ва дигаре, ки хусусияти ташкилиро дорад (ислоҳоти конститутсионии соли 2003 ва соли 2016).

Падидаи президентиро бошад, метавон ба ду марҳила ҷудо намуд: марҳилаи якум – таъсис ва барқарор намудани мансаби Президенти ҶТ дар заминаи қабули Конститутсияи ҶТ соли 1994; марҳилаи дуюм – ислоҳоти конститутсионии солҳои 1999, 2003 ва 2016 ва дар асоси онҳо ташаккули падидаи мазкур (1999-2016).

Раванди ташаккули низоми судии муосир аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолият ва қабули Конститутсияи соли 1994 оғоз гардид. Дар баробари ин, бояд зикр кард, ки раванди ташаккули низоми судии муосир 4 марҳилаи ислоҳоти конститутсиониро паси сар кардааст.

- Ба даст овардани Истиқлолияти давлатии ҶТ;
- Ислоҳоти ҳокимияти судӣ бо қабули Конститутсияи соли 1994;
- Ислоҳоти конститутсионии ҳокимияти судӣ солҳои 1999 ва 2003 ;
- Ислоҳоти конститутсионии ҳокимияти судӣ бо қабул шудани барномаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ;

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Қайд намудан зарур аст, ки асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назариявӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни ислоҳоти конститутсионӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, табиати ҳуқуқӣ, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот,

таҳқиқи ҳолати кунунӣ ва роҳҳои такмили меъёрҳо оид ба падидаи мазкур, асос меёбанд.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Шерализода Ҷ.Ш. аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ доранд. Зеро, маводи рисола фаҳмишҳои илмиро оид ба падидаи ислоҳоти конститутсионӣ мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт, ҳамчун сарчашма баромад менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳанд, ки роҳҳои ташаккули падидаи мазкур, табиати ҳуқуқӣ ва мавқеи он дар ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардад.

Маврид ба тазаккур аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ва нуктаҳои илмию пешниҳодҳои амалии дар он инъикосгардида, метавонанд дар такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «Ҳуқуқи интихобот ва низоми интихобот», «Ҳуқуқи маъмурӣ» ва ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти асосии муаллиф – дар 21 мақола, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тавсияшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 14 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд. Таъдоди маводи нашршуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Масъалаҳои баҳснок дар таҳқиқот.** Диссертатсияи Шерализода Ҷ.Ш. дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Дар боби якуми зербанди дуюм диссертант асосҳои ислоҳоти конститутсиониро ба ғояҳои илмӣ ва принсипҳои ҳуқуқӣ ҷудо намудааст, ки моҳияти он норавшан аст. Мазмунан асосҳои мазкур ба принсипҳо шабоҳат

доранд. Аз ин лиҳоз, вобаста ба оне ки падидаи ислоҳоти конститутсионӣ хислати ҳуқуқӣ дорад, истифодаи танҳо принсипҳои ҳуқуқӣ ба маврид мебошад.

2. Диссертант дар рисолаи худ дар баробари мафҳуми ислоҳоти конститутсионӣ дигар мафҳумҳоро низ истифода бурдааст. Аз қабили, «тағйиру иловаҳо ба Конститутсия», «аз нав дида баромадани Конститутсия», «азнавсозӣ» ва «ислоҳнамоӣ», ки мазмунан бо ҳамдигар ҳамшабеҳанд, пас ин мафҳумҳо миёни худ чи фарқият доранд. Хуб мешуд, ки рисоланавис вобаста ба ин фикри худро баён менамуд (саҳ.30).

3. Диссертант дар боби дуюм зербанди якум қайд менамояд дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионӣ дар Тоҷикистон танзими конститутсионии ҳуқуқи инсон ба куллӣ тағйир ёфт. Аз ҷумла, агар дар замони шуравӣ ба мустаҳкамкунии ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ афзалият дода мешуд, пас дар Конститутсияи соли 1994 ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ ба таври васеъ мустаҳкам шуданд. Бинобар ин, вобаста ба танзими конститутсионии ҳуқуқи инсон дар замони соҳибистиқлолӣ дар сатҳи Конститутсия кадом афзалиятҳоро диссертант дар назар дорад, мехостем дар раванди ҳимоя диссертант ба масоили мазкур фикри худро мушаххас баён менамуд (саҳ 117.).

4. Рисоланавис дар самти ислоҳоти конститутсионии ҳокимияти иҷроия қайд менамояд, ки дар ташаккули давлатдории муосири Тоҷикистон мақом ва нақши ҳокимияти иҷроия ҳалкунанда мебошад. Дар давоми рисола диққати асосиро ба ислоҳоти падидаи президентӣ равона гардида, инкишофи низоми ислоҳоти конститутсионӣ ҳокимияти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ берун мемонад. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки дар ин маврид, муаллиф андешаҳои худро дар рафти ҳимоя иловатан ироа намояд.

Андешаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад. Муаллиф аз натиҷагириҳо

хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои рушди илми ҳуқуқи конститутсионӣ саҳми сазовори худро гузоранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Шерализода Ҷомӣ Шералӣ ба талоботи банди 31 ва 33 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Карори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад ва муаллифи рисола Шерализода Ҷомӣ Шералӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Сарходими илмии Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба
номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор **Зоир Ҷ.М.**

**Имзои Зоир Ҷ.М.-ро тасдиқ менамоям:**
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ **Шозедов Х.**

**Суроғаи муқарриз**:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 33.
Телефон. (992) 37 221-56-89.

«1» 05 2023 с.